# Барномаи минтақавии ХИС ММИС дар Тоҷикистон II - қарзи I ба АБМХ

Макон: Тоҷикистон

Рақами лоиҳа: 55156

Бахши фаъолият:
ташкилотҳои молиявӣ

Бахши давлат/хусусӣ: хусусӣ

Категорияи экологӣ: ММ

Санаи тасдиқкунӣ: 7
майи соли 2024

Ҳолат: **тасдиқ гардид**

Санаи нашри тавсифи мухтасари лоиҳа (ТМЛ) бо забони англисӣ: 16 майи соли 2024

*Мутобиқи банди 1.4.2 (iii) Дастур “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот”: “барои лоиҳаҳои аз ҷониби роҳбарияти Бонк тасдиқшуда, дар ҳолатҳое, ки Шӯрои директорон барои тасдиқи онҳо ваколат додааст, муҳтавои тавсифи мухтасари лоиха дар оғози давраи дахлдори огоҳнома оид ризоият, ки ба кишвари узви Бонк мутобиқи моддаи 13 (iii) Созишнома оид ба таъсиси БАТР ирсол мешавад, нашр мегардад."*

## Тавсифи лоиҳа

Пешниҳод намудани қарзи афзалиятнок дар ҳаҷми то 4 млн. доллари ИМА (муодили сомонӣ) аз ҳисоби маблағҳои БАТР ва то 1 млн. долл. ИМА аз ҳисоби маблағҳои ХИС тавассути Механизми маблағгузории иқтисоди сабз (Барномаи ХИС ММИС II Тоҷикистон).

## Ҳадафи лоиҳа

Амалиёти пешниҳодшуда бо меъёрҳои механизми минтақавии барномаи ХИС-ММИС мувофиқ мебошад. Амалиёти пешниҳодшуда тавассути механизми минтақавии барномаи ХИС-ММИС пас аз амалиёти қаблӣ бо АБМХ дар доираи TajCREFF гузаронидашуда, татбиқ мегардад. Маблағҳои қарзӣ барои маблағгузории технологияҳои коҳишдиҳии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо равона мешаванд. Амалиёти мазкур барои боз ҳам васеъ гардонидани доираи хизматрасониҳои АБМХ бо истифода аз маҳсулоти қарздиҳии сабз ва ба инобат гирифтани омилҳои гендерӣ мусоидат хоҳад намуд.

18064r-0

# Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш: 90

Лоиҳа бо ноилшавии ҳадафҳои механизми минтақавии барномаи ХИС ММИС бахусус Барномаи минтақавии ХИС-ММИС дар Тоҷикистон II (ММИС - Тоҷикистон II) мусоидат мекунад. Барномаи митақавӣ ба татбиқи хусусияти “экологӣ” тибқи методологияи рейтинги ГИС низ мусоидат менамояд, дар ҳоле ки 100% даромад ба чорабиниҳои самти ГИС равона мегардад. Лоиҳа ба ноилшавии ҳадафи ин барнома, ки дар самти бунёди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон бо роҳи ҳавасмандгардонии воридшавии босуръат ба бозори технологияҳои марбут ба иқлим дастгириро дар бар мегирад, мусоидат хоҳад намуд. Махсусан, ба тарғиби тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим ва технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, ки метавонанд дар соҳаи кишварзӣ ва манотиқи деҳот истифода шаванд, диққати махсус дода мешавад.

Ҷузъе, ки иштирокро дар сиёсати “сабз” дар назар дорад дар сатҳи Барномаи ММИС - Тоҷикистон II пешбинӣ шудааст. Чорабиниҳо ва натиҷаҳои асосии муколамаи сиёсӣ ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши молиявии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, ки татбиқи онҳо тавассути дастгирии Бонки Миллии Тоҷикистон дар қабули санади меъёрӣ барои бартарафсозии хавфҳои марбут ба иқлим, пеш аз ҳама тавассути нашри ихтиёрии иттилоот, муяссар мегардад.  Интизор аст, ки ин санади меъёрӣ бо таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мувофиқ хоҳад буд, тавсияҳои Шабакаи бонкҳои марказӣ ва мақомоти назоратиро оид ба сабзгардонии низоми молиявӣ асосан риоя мекунад ва консепсияи охирини БАТР-ро оид ба ҳамоҳангсозии амалҳо бо талаботи Созишномаи Париж дар робита ба маблағгузории ғайримустақим ба инобат мегирад. Ин муқаррароти сиёсӣ дар охирин Стратегияи кишвар барои Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (BDS/TA/19-01/F) ҳамчун афзалият ба ҳисоб меравад.

Дар давоми ду сол аз лаҳзаи ба имзорасонӣ АБМХ кӯшиш мекунад ба БАТР нақшаи гузаришро пешниҳод намояд, ки дар он ҳадафҳои маҳдуд ба мӯҳлатҳои мушаххас, амалҳо ва марҳилаҳо инъикос мегарданд, ки тавассути онҳо АБМХ таҷрибаи кории худро бо дарназардошти тағйирёбии иқлим такмил медиҳад. Ин тадриҷан фаъолияти молиявии онро бо ҳадафҳои Созишномаи Париж мувофиқ мегардонад.

# Маълумот дар бораи муштарӣ

ҶСП «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи “Аввалин бонки молиявии хурд” (АБМХ) ҳамчун бонки мукаммали универсалии тиҷоратӣ амал намуда, тамоми доираи хизматрасониҳои бонкиро пеш аз ҳама ба корхонаҳои савдои чакана ва ККХМ дар Тоҷикистон пешниҳод мекунад. Ба охири соли 2023 дар байни бонкҳои Тоҷикистон АБМХ мақоми ҳаштумро аз рӯи андозаи дороиҳо (ҳисса дар бозор – 3%) ва аз рӯи сандуқи қарзии он (4%) ишғол менамояд.

18064r-0

## Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

3 миллион долл. ИМА

## Арзиши умумии лоиҳа

4 миллион долл. ИМА

## Хусусияти иловагӣ

**Сохтори маблағгузорӣ.** Дар муқоиса бо муҳлати миёна дар бозор БАТР муҳлатҳои дарозтари пардохти қарзҳои аз ҷониби он додашударо пешниҳод мекунад, ки он барои таҳияи сохтори лоиҳа зарур мебошад. БАТР маблағгузориро бо асъори миллӣ дар асоси шартҳое пешниҳод мекунад, ки ба даст овардани онҳо дар бозори маҳаллии сармоя мушкил аст.

**Сохторҳо ва (ё) воситаҳои инноватсионии маблағгузорӣ.** БАТР **воситаи инноватсионии маблағгузории сабзро** пешниҳод мекунад. Он дар сохтори молиявии худ чунин ҷанбаҳоро ба монанди стандартҳои алоқаманд бо масъалаҳои марбут ба иқлим, экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ (ЭИИ) ва инчунин ба инобатгирии хавфҳои ЭИИ дар бар мегирад.

**Муқаррар намудани стандартҳо:** муштари кӯшиш мекунад аз зарфияти коршиносони БАТР барои ноилшавӣ ба стандартҳои баландтари фарогирӣ ва баробарии гендерӣ ва/ё татбиқи нақшаҳои амал дар самти фароҳам овардани имкониятҳои баробар истифода барад.

## Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи ММ нисбат дода шудааст (тибқи СЭИ дар таҳрири соли 2019). Муштарии мазкур ба туфайли як қатор амалиётҳои қаблан бо он иҷрошуда ба БАТР хуб ошност, дар асоси натиҷаҳои иҷрои онҳо худро нағз нишон додааст. Дар доираи лоиҳаи пешниҳодшуда дар давоми фаъолияти амалиётии дохилии худ муштарӣ уҳдадор мешавад ТТЛ №2 ва ТТЛ №4 ва инчунин ТТЛ №9 ва расмиёти дахлдори БАТР оид ба идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар фаъолияти сармоягузории худ минбаъд низ иҷро намояд. Ғайр аз ин дар фаъолияти сармоягузории алоқаманд бо ММИС меъёрҳои мутобиқат барои чунин зерлоиҳаҳо бо дастгирии мушовир, ки тавассути ҲТ маблағгузорӣ ва ҷалб мегардад, истифода мешаванд.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

**А. Ҳамкории техникӣ (ҲТ)**

АБМХ аз манфиатҳои бастаи барномаи ҲТ, ки тавассути ХИС, Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Австрия маблағгузорӣ мегардад, баҳра мебарад. Ҳамкории техникӣ (ҲТ) ба ҳавасмандгардонии муассисаҳои молиявии шарик (ММШ) дар таҳкими зарфият, татбиқи ва мониторинги барнома бо диққати махсус ба хусусиятҳои иловагии ҷанбаҳои гендерӣ нигаронида шудааст. Нақши мушовир аз гузаронидани арзёбӣ ва

санҷиши татбиқи техникии сармоягузориҳо аз ҷониби зерқарзгирандагон иборат аст. Ғайр аз ин, мушовир дониши худро  мубодила мекунад ва сатҳи огоҳиро дар бораи технологияҳои коҳишдиҳии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо дар байни муштариёни чакана, КХМ ва ширкатҳои бузург бо таъмини дастрасӣ ва иштироки баробар ҳам барои қарзгирандагони зан ва ҳам мард, баланд мебардорад.

Илова бар ин, мушовир дар арзёбии лоиҳа дастгирӣ намуда, зерқарзгирандагонро дар интихоби технологияи беҳтарин роҳнамоӣ мекунад. Ҷанбаи гендерии ҲТ гузаронидани арзёбии заминавиро барои муайян намудани монеаҳо ва эҳтиёҷоти занҳои қарзгиранда пешбинӣ менамояд. Илова бар ин, чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва кор бо кормандон бо мақсади бартараф намудани нобаробарии гендерӣ ва вусъатдиҳии ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар мавриди дастрасӣ ба барнома ва ситифодаи манфиатҳои он, гузаронида мешаванд.

*Манбаъи маблағгузорӣ:* ХИС, Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Корея.

*Маблағ/воҳиди асъор:* дар сатҳи “Барномаи минтақавии ХИС-ММИС дар Тоҷикистон II» (тақрибан 0,74 млн. евро ба ҳар як ММШ).

*Ҳолати маблағгузорӣ*: ба маблағи то 2 млн. евро тасдиқ гардид. Боқимонда 3,2 млн. евро ба шарти дастрас будани маблағгузории иловагӣ аз ҷониби донорон.

*Ном/рамзи супориш дар доираи TC/TCRS:*

мушовири лоиҳаи ММИС дар Тоҷикистон I/131577;

мушовир оид ба санҷиши ММИС дар Тоҷикистон I/131578.

*Лоиҳаи TCRS №: 17592.*

*Санаи тасдиқи грант:* 16 майи соли 2023.

Саҳми муштарӣ: Аз АБМХ пешниҳод намудани саҳми мувозӣ дар ҳаҷми 3 750 евро барои пӯшонидани хароҷоти барномаи ҲТ, ки бевосита ба манфиати АБМХ амалӣ мегардад, масалан дар робита бо гузаронидани семинарҳо, чорабиниҳо ва маъракаҳои маркетингӣ ё дигар чорабиниҳои таълимӣ, ки ба дастгирии мустақими лоиҳа нигаронида шудаанд.

**ҲТ ба бартарафсозии хавфҳои марбут ба иқлим ва банақшагирии гузариш нигаронидашуда**

АБМХ ихтиёран уҳдадор шудааст, ки бо БАТР ҷиҳати амалӣ намудани консепсияи банақшагирии гузариш ба методологияи Бонк оид ба ҳамоҳангсозии амалҳо бо Созишномаи Париж ҳамкорӣ намояд, тавре ин дар методологияи Бонк оид ба ҳамоҳангсозии амалҳо бо Созишномаи Париг дар мавриди маблағгузории ғайримустақим пешбинӣ шудааст.

Тибқи уҳдадории мазкур АБМХ таҳия ва татбиқи нақшаи гузаришро идома медиҳад, ки дар такмил додани таҷрибаи пешбурди фаъолият дар самти иқлим қадаме ба пеш хоҳад шуд. Он мутобиқи Ҷадвали БАТР оид ба гузариши ММШ амалӣ мегардад, ки ба ноилшавӣ ва ҳавасмандгардонии таҷрибаи аз ҳама пешқадами пешбурди фаъолияти алоқаманд бо иқлим дар бахши молиявии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Равиши мазкур ба стратегияи АБМХ оид ба муайянсозии мавқеи худ ҳамчун бонки пешсаф дар самти маблағгузории сабз дар кишвар мувофиқ мебошад.

**B. Грантҳо барои сармоягузории муштарак/маблағгузории имтиёзнок (ҳамкории ғайритехникӣ)**

Лоиҳа ду ҷузъеро дар бар мегирад, ки ба ҲТ алоқаманд нестанд:

i) маблағгузории имтиёзноки муодили грант дар ҳаҷми то 0,1 млн. долл. ИМА барои баланд бардоштани майлу рағбати ММШ ба иштирок дар барнома ва равона намудани захираҳо барои рушди маҳсулоти мазкур, ки метавонист эҳтиёҷоти сегменти бозор, ки ба таври кофӣ фаро гирифта нашудааст қонеъ созад. Бо мақсади дастгирии нархгузории умумии ММИС маржа ва комиссияи пешакии ХИС ба 80% нисбат ба маржаи БАТР коҳиш дода мешавад.

*Манбаъи маблағгузорӣ:* ХИС.

*Маблағ/воҳиди асъор:* 0,1 млн. долл. ИМА (муодили грантии қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 1,25 млн. долл. ИМА).

*Ҳолати маблағгузорӣ:* тасдиқ карда шуд;

ii) имтиёзҳои сармоягузорӣ барои ҳавасмандгардонии талабот дар Тоҷикистон ба технологияҳои зуҳурёбанда ё дорои таъсири баланд пешниҳод мегарданд. Танҳо зерқарзгирандагон – иштирокчиёни занҷирҳои истеҳсолӣ ва фурӯш дар соҳаи кишоварзӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

*Манбаъи маблағгузорӣ:* ХМС.

*Маблағ/воҳиди асъор:* 0,44 млн. долл. ИМА (метавонад то 0,528 млн. долл. ИМА ба шарти дастрас будани маблағгузории донорҳо афзоиш дода шавад).

*Ҳолати маблағгузорӣ:* тасдиқ карда шуд;

iii) дар сатҳи сандуқи БАТР дар доираи барномаи қарздиҳии КХМ қарз бо воситаи пӯшонидани хавфи талафоти нахустин дар ҳаҷми 12,5% таъмин мегардад.

Ҷузъҳои болозикр, ки ба ҲТ дахл надоранд ҳамдигарро пурра намуда, якдигарро истисно намекунанд.

## Шахс барои тамос дар Ширкат

Бежан Холиқназаров
bezhan.kholiknazarov@fmfb.com.tj
+992 37 227-91-70 +992 37 251-02-
27 www.fmfb.tj/en/
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин, 10, ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд»

## Санаи охирин навкунии ТМЛ

16 майи соли 2024

# Раванди гузариш чист

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш ин ҷо оварда шудааст.

# Имкониятҳо барои иштирок дар лоиҳаҳо

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо иштирок дар лоиҳаҳо ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо иштирок дар лоиҳаҳо бо БАТР (ки бо масъалаҳои харид вобаста нест) тамос гиред:

Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлат аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

# Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххаси маълумотро метавонед бо истифода аз Варақаи БАТР оид ба дархости маълумот пешниҳод намоед.

# Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талаботҳо нисбати татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо ӯҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба “рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор” иҷро менамояд, муаян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва ҳалли нигарониҳо ва шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқаманд

аст, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва миқёси хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи меъёрҳои муқарраршуда

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсия бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

# Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки мушкилоти худро тавассути Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо барои пайдо намудани маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва вазифаи он, оид ба тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ ташриф оред ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои роҳнамоӣ ё маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост тамос гиред.